**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кучаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 28/2с

аз «01» 04 соли 2020

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса дар бораи гузаронидани расмиёти машваратҳои оммавӣ оид ба лоиҳаи Дастурамал «Дар бораи тартиби ба истеъмолкунандагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ифшо намудани маълумот оид ба хизматрасониҳои бонкӣ» ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор оид ба таҳлили таъсири танзимкунӣ огоҳиномаи машварати оммавӣ оид ба лоиҳаи зикргардида ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки дар Феҳристи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 декабри соли 2019 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҷойгир карда шудааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Лоиҳаи мазкур бори аввал аз таҳлили таъсири танзимкунӣ гузаронида мешавад.

Машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи мазкур аз 8 январ то 8 феврали соли 2020 гузаронида шудааст. Ҳангоми гузаронидани машварати оммавӣ аз тарафи шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст.

Омӯзиши ҳуқуқии маводи пешниҳодгардида собит сохт, ки:

1. Тибқи банди 18 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, № 355 тасдиқ шудааст, таҳиякунанда лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкуниро дар Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир намуда, ҳамзамон онҳоро ба мақоми ваколатдор ҷиҳати омода намудани хулоса ирсол менамояд. Гарчанде, талаботи банди мазкур аз ҷониби таҳиякунанда доир ба лоиҳаи баррасишаванда риоя гардида бошад ҳам, аммо нусхаи ниҳоии таҳлили таъсири танзимкунии шакли хаттии пешниҳодгардида ба шакли электронӣ мувофиқат наменамояд.

2. Дар таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳаи зикргардида риоя нагардидани талаботи сархати даҳуми қисми якуми моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” мушоҳида гардида, роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда ба таври мушаххас ва дақиқ тавсиф дода нашудааст. Чун қоида доир ба талаботи мазкур бояд маълумот оид ба роҳҳои алтернативии дигари ҳалли масъала (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) пешниҳод гардад. Мисол, фаҳмондадиҳии муқаррароти қонунгузории соҳа доир ба масъалаи мазкур ба роҳ монда шуд, аммо натиҷа надод.

3. Талабот оид ба арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот, ки аз талаботи сархати 11 қисми якуми моддаи зикргардида бармеояд, ба таври умумӣ пешбинӣ гардидааст. Аз ҷумла, оқибатҳои иқтисодию иҷтимоии он, муфассал арзёбӣ нашудааст.

Ҳамзамон, экпертизаи ҳуқуқии лоиҳаи мазкур нишон дод, ки он ба талаботи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҷавобгӯ нест.

4. Мувофиқи қисми панҷуми моддаи 40 Қонуни зикргардида, номи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва қисмҳои таркибии он бояд возеҳу мухтасар ва

фаҳмо бошад, мазмуни асосии матни онро дақиқ ифода намояд. Аммо, муқоисаи ҳуқуқии мазмуни номи лоиҳа бо матни он собит менамояд, ки онҳо мазмунан мутобиқат надоранд. Дар номи лоиҳа сухан дар бораи ифшо намудани маълумот рафта, дар матни лоиҳа бошад масъалаи пешниҳоди маълумот танзим гардидааст.

5. Дар муқаддимаи лоиҳа пешбинӣ карда шудааст, ки лоиҳа бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ таҳия карда шудааст. Бояд зикр намуд, ки бо ҳамин мақсад Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон” мавриди амал қарор дорад.

6. Дар баробари ин, масъалаҳои дар лоиҳа пешбинигардида мутобиқи Қонуни зикршуда ва дигар қонунҳои амалкунанда пурра танзим карда шуда, зарурати такрор намудани меъёрҳо ва қабули санади меъёрии ҳуқуқии нав вуҷуд надорад. Аз ҷумла, мафҳумҳои дар банди 3 лоиҳа пешбинишуда дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллӣ”, “Дар бораи фаъолияти бонкӣ”, “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” ва “Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ” зимнан тавзеҳ дода шуда, такрори онҳо мухолифи принсипи ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад.

7. Ҳамзамон, мафҳумҳои “қарз” ва “таҳвилгари хизматрасониҳои пардохтӣ”, ки дар лоиҳа пешбинӣ гардидаанд бо мафҳумҳои конунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” ва “Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ” мутобиқат намекунанд, ки мухолифати мазкур боиси духӯра маънидод гардидани мафҳумҳои зикршуда мегарданд.

8. Муқаррароти бандҳои 4 ва 8 лоиҳа дар моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон” танзим гардидааст. Аз ҷумла, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад талаб намояд ва

истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ухдадор аст сари вақт ба истеъмолкунанда дар бораи мол (кор, хизматрасонӣ) маълумоти зарурӣ ва боэътимоде пешниҳод намояд, ки имконияти интихоби дурусти онро таъмин созад. Маълумоти зикршуда рӯшану возеҳ ва фаҳмо ба маълумоти истеъмолкунандагон ҳангоми бастани шартномаҳои хариду фурӯш ва шартномаҳои иҷрои кор (хизматрасонӣ) бо тарзҳои маъмули баъзе соҳаҳои хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагон ба забонҳои давлатӣ ва русӣ расонида мешавад.

9. Мутобиқи моддаи 55 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" пеш аз оғози хизматрасонӣ ташкилоти қарзӣ ба муштарии худ ҳатман дар бораи хизматрасонии пешниҳодшаванда, аз ҷумла дар бораи ҳаққи хизмат, меъёрҳои фоизӣ ва дигар хароҷоти иловагии муштарӣ хабар медиҳад.

10. Ҳамзамон, тибқи моддаи 61 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" ташкилоти қарзии исломӣ уҳдадор аст, ки бо талаби аввалини муштарӣ дар бораи доштани иҷозатнома, тартиби гузаронидани амалиёти бонкии исломӣ, дар бораи хавф ва хароҷоти имконпазир, ки бо гузаронидани амалиёт алоқаманданд, инчунин оид ба тавозуни муҳосибавӣ, ҳисобот дар бораи фоида, зиён ва хулосаи аудитории соли гузашта маълумот пешниҳод намояд.

Бо дарназардошти асосҳои болозикр маълум мегардад, ки пешниҳод намудани маълумот дар бораи хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагон уҳдадории истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда), яъне ташкилотҳои қарзӣ ба шумор рафта, талабот нисбат ба маълумотҳои пешниҳодшаванда низ дар қонунгузорӣ пурра танзим гардидааст.

Директор Саидзода И.Ҳ.

Иҷро кард: Зарифов У.
Тел: 227-46-71